# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Акилова Муқаддас Мирмуҳамадовна дар мавзӯи «Таҳлили ҳуқуқӣ – ҷиноятии таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)**

1. Таҳқиқоти диссертатсионии Акилова М.М. ба самтҳои назариявӣ ва амалии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар таърихи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқоти алоҳидаи махсус марбут ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон то ба ҳол ба анҷом нарасидааст. Ин аввалин таҳқиқоте мебошад, ки ба яке аз паҳлуҳои муҳимми ҷиноятҳо ба муқобили асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлатӣ, бахусус ҷавобгарии ҷиноятӣ барои таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида мешавад.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз нуқтаи назари масъалагузорӣ, мавзӯи интихобшуда, усули баррасӣ ва роҳҳои илмии ҳалли масоили мавҷудаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятии ҶТ навгонии ҷиддӣ дар фазои илми ҳуқуқшиносӣ, махсусан ҳуқуқи ҷиноятии кишвар маҳсуб мегардад. Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода мегардад, ки аз ҷониби муаллиф дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ аввалин пажӯҳиши мукаммал, ҳаматарафа, сохторӣ-пуррагӣ, таҳлили муқоисавии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятии ҶТ мувофиқи қонунгузории ҷиноятии ҶТ пешбинишуда ба шумор меравад.

Асоси ҳуқуқии мубориза бар зидди терроризм КҶ ҶТ, ки 21 майи соли 1998 қабул шудааст, мебошад. Таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё

ҷамъиятии ҶТ, ки дар м. 310 КҶ ҶТ муқаррар шудааст яке аз намудҳои терроризм мебошад. Таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятӣ ва инчунин як қатор омилҳое, ки ҷинояти террористиро ба вуҷуд меоранд, яке аз таҳдидҳои асосӣ ба асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти миллии Тоҷикистон номида шудааст. Терроризми сиёсӣ дар шароити муосири таърихӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ, бешубҳа, яке аз усулҳои муборизаи сиёсӣ гардид. Дар КҶ ҶТ категорияи «терроризми сиёсӣ» вуҷуд надорад ва ин яке аз норасоиҳо дар қонуни ҷиноятӣ мебошад. Дар КҶ ҶТ терроризми сиёсӣ дар шакли таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ва арбоби ҷамъиятӣ ифода мегардад.

Ҳамчунин, аз таҳлил ва баррасии диссертатсияи М.М. Акилова чунин хулоса намудан мумкин аст, ки таҳқиқоти гузаронидашуда дар асоси омӯзиш ва таҳлили амалияи судӣ анҷом дода шуда, муаллиф проблемаҳои дар ин самт ҷойдоштаро ошкор намуда, ақидаҳои олимони ватаниву хориҷӣ ва қонунгузории давлатҳои ИДМ-ро таҳлил намуда, ақидаҳои худро асоснок сохта, пешниҳодҳо ва тавсияҳои мушаххаси илман асоснокро барои такмил додани қонунгузории ҷиноятӣ ва таҷрибаи судӣ иброз менамояд.

Натиҷаҳои таҳқиқот аз хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳо ҷиҳати мукамалнамоии қонунгузории ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятии ҶТ ҳамчун ҷиноят, иборат мебошад.

Хулосаҳо ва нуқтаҳои илмие, ки дар рафти таҳқиқи диссертатсия ба даст омадаанд, метавонанд дар ҷараёни таҳқиқоти минбаъдаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти ҳифзи манфиатҳои миллӣ, устуворӣ ва эътимоднокии ҳокимияти давлатӣ, ҳифзи сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат истифода шаванд. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд боиси такмили меъёрҳои амалкунандаи қонунгузории

ватанӣ, аз ҷумла КҶ ЧТ, қонунгузории ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ, Қонунҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат», «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонунҳои ҶТ «Дар бораи амният», «Дар бораи муқовимат ба терроризм» ва ғайра гарданд; дар амалия тартиби дуруст бандубаст кардан ва татбиқи қонунгузории ҷиноятӣ ҷиҳати ҷавобгарии ҷиноятӣ барои таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятии ҶТ дуруст танзим карда шаванд, фаъолияти қонунгузорӣ ва қонунтатбиқкунии судҳо ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ истифода гарданд.

Вобаста ба гуфтаҳои зикршуда дар замони муосир омӯзиши паҳлуҳои назариявӣ ва амалии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон саривақтӣ ва зарур буда, аз муҳим будани мавзуи таҳқиқот шаҳодат медиҳанд.

2. Диссертатсия таҳқиқоти илмӣ анҷомёфта буда, аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Натиҷа, нуктаҳои навгонӣ ва илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда метавонанд дар назария, такмили қонунгузорӣ, бартараф намудани мушкилоти амалияи судӣ дар ин самт ва раванди таълим ба таври фаррох истифода шаванд, ки онҳо саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд. Бинобар ин, қайд намудан имконпазир аст, ки диссертатсия ба талаботи банди 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Хукумати Ҷумхурии Тоҷикистон аз 30 июнисоли 2021, таҳти№267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

3. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мувофиқ буда, ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки мувофиқи фармоиши

Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳуқуқи қабули диссертатсияҳоро барои ҳимоя дорад, пешниҳод шудааст.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 10 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд, ки онҳо фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҷумхурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардвдааст, мувофиқ мебошад.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии М.М. Акилова истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи М.М. Акилова маълумоти ғайрисаҳеҳ дида намешавад.

Банди 61-и Низомномаи Шурои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Акилова Муқаддас Мирмуҳамадовна дар мавзӯи «Таҳлили ҳуқуқӣ – ҷиноятии таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд:

**Назаров Аваз Қувватович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Ҳусейнова Мижгона Собировна** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи Донишкадаи олии сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар – муассисаи таҳсилоти олии касбии «Академияи Вазорати корҳои дохилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

6. Санаи ҳимоя рӯзи 18 марти соли 2023, соати 10:00 таъин карда шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Сафарзода А.И.

**Аъзои комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Азиззода У.А.

**Аъзои комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Абдухамитов В.А.

9 декабри соли 2022